«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, профессор
Насриддинзода Э.С.
__________ 06 __________ 2024

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Фатулоҷони Умарзода дар мавзуи «Ҳумоми Табрезӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалиёти ӯ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ дар кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Фатулоҷони Умарзода** соли 2014 факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм кардааст. Соли 2015 ба аспирантураи назди кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи ДМТ дохил шуда, пажуҳиши худро дар мавзуи «Ҳумоми Табрезӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалиёти ӯ» ба роҳ мондааст. Аз сентиябри соли 2017 то соли 2020 дар Коллеҷи муҳандисию омӯзгории шаҳри Душанбе ба ҳайси омӯзгор фаъолият карда, аз соли 2020 то ҳол дар вазифаи мудири редаксияи фарҳанги мардуми тоҷики Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик фаъолият дорад.

Диссертатсияи Фатулоҷони Умарзода дар ҷаласаи кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (аз 14.06.2024, суратмаҷлиси № 16) баррасӣ ва ба дифоъ пешниҳод шудааст.

Роҳбари илмӣ: **Бадриддин Мақсудов** – доктори илмҳои филологӣ, профессор.

Мавзуи диссертатсияи номзадӣ дар шурои илмии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 27.01.2015, қарори № 6 тасдиқ шудааст.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 30.05.2024, № 82 ба аспирант Фатулоҷони Умарзода маълумотнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ додааст.

**Аз баррасии диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Дар марҳилаи классикии адабиёти форсу тоҷик мо рушду таҳаввули батадриҷи адабиётро дар инкишофи жанрҳои адабӣ ба мушоҳида мегирем, ки аз рӯйи хусусиятҳои шаклгириаш якчанд давраро фаро мегирад. Аз ҷумла, асри XIII-ро дар таърихи адабиёти форсу тоҷик ба давраи рушду инкишофи ғазал ихтисос медиҳанд. Чунки ҳаводиси пуртазодди замон ва давраи пурошубу ноороми таърихӣ сабаби инкишоф ва мавқеъ ёфтани ғазал дар адабиёт гашта, ниёзҳои маънавии ҷомеа заминаҳоеро барои вусъат додани ашъори лирикӣ фароҳам овардааст. Аз ин рӯ, ба вазъи замонӣ нигоҳ накарда,

ин давраро метавон аз нигоҳи таҳаввул ёфтани ҷанбаҳои ҳунарии адабиёт ва вусъати андеша аз беҳтарин давраҳои рушди адабиёти классикӣ унвон кард.

Дар адабиёти асри XIII форсу тоҷик шоирони зиёде ба майдони илму адаб омаданд, ки дар инкишофи ғазал саҳми қобили мулоҳиза гузоштанд. Махсусан, дар инкишофи ғазали истилоҳӣ нақши Саъдии Шерозӣ дар ин давра назаррас аст. Дар радифи шоирони ғазалсарои давр метавон Ҳумоми Табрезиро ном бурд, ки бо вуҷуди маҳорату истеъдоди фавқулода доштан дар ғазалсароӣ, дар паҳлуи бузургтарин шоирони ғазалсарои аср, мисли Саъдии Шерозӣ, Фахриддини Ироқӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ то андозае чеҳраи адабии ӯ шинохта нашудааст. Аз ин рӯ, зарурати омӯзиши рӯзгору осор, таркибу бандубасти девон ва таҳлили ғазалиёти шоир, аҳаммияти анҷоми таҳқиқи илмиро барои муаррифии бештари доираи илму адаби тоҷик бо ин адиби хушсалиқаи ғазалсаро пеш овардааст. Аз омӯзиши ҳамаҷонибаи девони шоир маълум мегардад, ки Ҳумоми Табрезӣ дар эҷоди ғазал, асосан, пайрави Саъдӣ будааст. Ҳамчунин, дар диссертатсия масъалаҳои таснифоти жанрии ашъори Ҳумоми Табрезӣ, мундариҷаи ғоявӣ ва хусусиятҳои бадеии ғазалиёти ӯ ҳамаҷониба таҳқиқ шудааст.

Аз дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқ маълум мегардад, ки дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти Ҳумоми Табрезӣ то ҳанӯз таҳқиқоти комиле, ки битавонад тамоми паҳлуҳои ҳаёти ӯро фаро бигирад, ба анҷом нарасидааст. Аввалин маълумотро дар хусуси Ҳумом, рӯзгор, осор ва ҳунари эҷодии ӯ дар девони худи шоир метавон пайдо кард. Шоир дар ғазалҳо, қасидаҳо ва маснавиёташ доир ба баъзе ҳолот ва ҷузъиёти зиндагонӣ, дӯстон, шогирдон ва ҳунари ғазалсароии худ ишораҳо кардааст. Гузашта аз ин, дар ағлаби тазкираҳои дар замони зиндагии ӯ ва баъд аз ӯ таълифёфта, таърихномаҳо, ҷунгу сафинаҳо, ҳамчунин, дар китобҳои ба таърихи адабиёти форсу тоҷик бахшидаи донишмандони Эрон, Аврупо ва баъзан Тоҷикистон доир ба Ҳумоми Табрезӣ ишораҳо ба назар мерасад, ки дар диссертатсия ба онҳо ишора рафтаат.

Аз натиҷаи омӯзиши тазкираҳо, сарчашмаҳои адабию таърихӣ ва таҳқиқи маводди илмии дар ин самт ҷойдошта, ки роҷеъ ба аҳволи Ҳумом дар илми шарқшиносии Ғарбу Шарқ ба миён омаданд, муҳаққиқ маълум мекунад, ки ағлаби ахбори дар сарчашмаҳо омада нақл аз рӯйи якдигар мебошанд. Маълумоти овардаи баъзе муҳаққиқони таърихи адабиёт дар замони муосир низ ҳамин ҳукмро дорад. Гузашта аз ин, аксари муҳаққиқон на танҳо саҳву хатоҳои дар тазкираву сарчашмаҳо ҷой доштаро ислоҳ накардаанд, балки онҳоро дар осори хеш такрор низ кардаанд. Бо вуҷуди ин, маълумоти овардаи онҳо баҳсталаб буда, барои барқарорсозии шарҳи ҳолу таҳлилу баррасии ашъори адиб муҳим мебошанд. Муаллиф барои ҳалли дурусти масъала дар диссертатсия бо истифода аз ниғоҳи равишшиносии адабпажуҳии ҷадид, аз ҷумла, равишҳои маъмули таҳқиқ дар адабиётишиносии муосири тоҷик корро ба анҷом расонидааст.

Мавзуи диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар **шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ**

нишон дода шудаанд, комилан **мувофиқат мекунад.** Муҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳои он ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи ногусастанӣ доранд.

**Мавзуи диссертатсия** ба «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2020, №503 тасдиқ шудааст, **мутобиқат дорад.** Илова бар ин, ба маводди диссертатсия зимни пажуҳиши мавзуъ ва масъалаҳои гуногуни таърихи адабиёти тоҷик, адабиёти ҷаҳон, адабиёти халқҳои ИДМ, робиташиносӣ ва таърихи тарҷума метавон такя кард.

Муаллифи диссертатсия масъалаи омӯзиши зиндагиномаи Ҳумоми Табрезӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалиёти ӯро **ҳадафи асосии таҳқиқ** қарор дода, дар асоси сарчашмаҳо ва осори таҳқиқии дар ин боб мавҷуд масъалаи мазкурро мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор додааст. Дар диссертатсия масъалаҳои таҳқиқу баррасии рӯзгор, осор ва таҳлилу баррасии мундариҷаи ғоявӣ ва бадеиёти ғазалҳои Ҳумоми Табрезӣ дар шакли монографӣ таҳқиқ шудааст, ки дар маҷмуъ аз масъалаҳои зер фароҳам омадааст:

- баҳси ному насаб ва алқоби Ҳумоми Табрезӣ;
- баҳсу таҳқиқ дар хусуси соли таваллуд ва фавти шоир;
- барқарор намудани зиндагии илмии шоир;
- таҳқиқ ва тавсифи нусхаҳои хаттии девони Ҳумом;
- таҳқиқи анвои адабии таркиби девони шоир;
- таҳлил ва баррасии мундариҷаи ғоявии ғазалиёт;
- таҳқиқи маъниофарӣ дар қолаи ғазал;
- таҳқиқ ва муайян кардани сохтору устухонбандии ғазалҳо;
- таҳқиқи ҷанбаҳои мусиқоии ғазалҳо;
- таҳқиқи авзони ғазалҳо;
- муайян кардани анвои қофияву радиф дар ғазалҳо;
- таҳқиқ ва баррасии санъатҳои бадеии ғазалҳои шоир.

Ба сифати мавод ва ё **сарчашмаҳои таҳқиқ**, асосан, девони Ҳумоми Табрезӣ ва ҳамзамон, ашъори ғиноии асри XIII форсу тоҷик, махсусан, жанри ғазал мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтааст. Дар баробари ин, барои муайян намудани симои адабии Ҳумоми Табрезӣ ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи ғазалҳои шоир ба девону куллиёти шоирони бузурге, чун Саноии Ғазнавӣ, Анварии Абевардӣ, Низомии Ганҷавӣ, Саъдии Шерозӣ, Сайфи Фарғонӣ, Салмони Соваҷӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Ҳофизи Шерозӣ муроҷиат шудааст.

Илова бар ин, ҳангоми таҳқиқ намудани зиндагинома ва мероси адабии шоир аз ахбори тазкираҳо ва маълумоти осори таҳқиқӣ истифода шудааст.

**Асосҳои назарӣ ва методологии** диссертатсия аз асарҳои илмию назарии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, аз қабили Е.Э. Бертелс, Э. Браун, Я. Рипка, Саъид Нафисӣ, Забеҳуллоҳи Сафо, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Маликушшуаро Баҳор, Бадеуззамони Фурӯзонфар, Садриддин Айнӣ, Шарифҷон Ҳусейнзода, Расул Ҳодизода, Худоӣ Шарифзода, Абдунабӣ Сатторзода, Абдуманнони Насриддин, Носирҷон Салимӣ, Бадриддин

Мақсудзода, Мирзо Солеҳов, Мисбоҳиддини Нарзиқул, Муҳриддин Низомӣ, Умеда Ғаффорова ва дигар донишмандону назариядонон фароҳам омадааст. Ҳамчунин, дар қисмати таҳлили ғазалҳои шоир аз асарҳои таҳқиқии ба ғазал ва дигар анвои адабӣ бахшидаи муҳаққиқон дар давраҳои гуногуни адабиёти форсии тоҷикӣ, аз қабили А. Мирзоев, А. Афсаҳзод, Р. Ҳодизода, А. Ҳакимов, Х. Шарифов, Р. Ҷусулмониён, А. Сатторзода, Т. Самадов, А. Алимардонов, У. Казакова, Б. Мақсудзода, У. Тоиров, М. О. Солеҳов, М. Нарзиқул, М. Низомӣ, Ш.Р. Шарипов, Ш. Раҳмонов, У. Каримов, ховаршиносону адабпажӯҳони хориҷӣ, ба мисли Шиблии Нуъмонӣ, Зайнулобуддини Муътаман, Ҳусайни Размҷӯ, Дориюши Сабур, Ҷалолиддини Ҳумоӣ, Мансури Растагори Фасоӣ, Забеҳуллоҳи Сафо, Сируси Шамисо, М. Ш. Кадканӣ, М. Ҷ. Каззозӣ, И.С. Брагинский, М. Л. Рейснер ва дигарон дар кор истифода шудааст.

**Навоварии диссертатсия.** Дар диссертатсия масъалаи омӯзиши ҳамаҷонибаи зиндагинома ва мероси адабии шоири камшинохтаи адабиёти форсу тоҷики асри XIII – Ҳумоми Табрезӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Бояд гуфт, ки дар адабиётшиносии тоҷик масоили зиндагинома, мероси адабӣ, нусхаҳои хаттии девон, тартиби жанрии девон, мундариҷаи ғоявии ғазалиёт ва бадеиёти ғазалҳои Ҳумоми Табрезӣ дар шакли таҳқиқи комили илмӣ нахустин бор пажуҳиш мешавад. Бо таваҷҷуҳ ба ахбори сарчашмаҳои гуногуни илмию таърихӣ ва осори худи шоир, дар асоси таҳлилу муқоисаҳо ному насаб, алқоби фахрӣ, санаи таваллуд, устодон, пайвандон ва ҷараёни зиндагии Ҳумоми Табрезӣ маълум карда шудааст.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсияи номзадии Фатулоҷони Умарзода дар он зоҳир мегардад, ки маводди онро метавон ҳангоми таълифи фаслҳои гуногуни китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ, ҳамчунин, мақолаву рисолаҳои илмӣ ҳамчун манбаъ истифода бурд. Натиҷаҳои бадастомадаи диссертатсия барои донишҷӯёни риштаи филологӣ зимни таълифи корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм ва магистрӣ метавонад мусоидат кунад.

Мундариҷа ва муҳтавои асосии диссертатсияи Фатулоҷони Умарзода дар ҳафт мақола, аз ҷумла панҷ мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ду мақола, ки дар маводди конференсияҳо нашр шудаанд, инъикос ёфта, теъдод ва муҳтавои онҳо ба талаботи таълиф ва таҳияи автореферат ва диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ мебошанд. Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба нашррасида ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи бевосита дошта, муҳтавои асосии диссертатсия ва авторефератро инъикос менамоянд ва рӯйхатти онҳо дар зер оварда мешавад:

I. Дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Умарзода Ф. Шарҳи аҳволи Ҳумомуддини Табрезӣ / Ф. Умарзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе:

Сино, 2017. – № 4/4. – С. 213-218.
[2-М]. Умарзода, Ф. Ғазали мадҳӣ дар девони Ҳумоми Табрезӣ [Матн] / Ф. Умарзода // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филология, педагогика ва таърих. – Душанбе, 2024. – № 2 (54). – С. 207-213.
[3-М]. Умарзода, Ф. Сохтори ғазалҳои Ҳумоми Табрезӣ [Матн] / Ф. Умарзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2024. – № 3 (110). – С. 201-207.
[4-М]. Умарзода, Ф. Ҷанбаҳои мусиқоии ғазалҳои Ҳумоми Табрезӣ [Матн] / Ф. Умарзода // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филология, педагогика ва таърих. – Душанбе, 2024. – № 4 (6). – С. 212-217.
[5-М]. Максудзода, Б., Умарзода, Ф. Офариниши маънӣ дар ғазалҳои Ҳумоми Табрезӣ [Матн] / Б. Максудзода, Ф. Умарзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – № 6. – С. 276-282.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**
[6-М]. Умарзода, Ф. Шарҳи ҳоли Ҳумомиддини Табрезӣ (1238-1314) [Матн] / Ф. Умарзода // Конференсияи дуюми ҷумҳуриявии илмӣ-назарявии олимон ва муҳаққиқони ҷавони ДМТ «Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – маркази тайёр кардани мутахассисони соҳибунвон» бахшида ба 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Душанбе, 17-18 майи соли 2016). – Душанбе, 2016. – С. 60-63.
[7-М]. Умарзода, Ф. Истикболи ғазалҳои Ҳумоми Табрезӣ дар ашъори дигарон [Матн] / Ф. Умарзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии «Ҷойгоҳи профессор Абдушакур Абдусатторов дар таҳқиқу нақди адабиёти тоҷик» (Душанбе, 14-уми майи соли 2024). – Душанбе, 2024. – С. 184-189.

Диссертатсия дар мавзуи «Ҳумоми Табрезӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалиёти ӯ» ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқат мекунад.

**Натиҷаҳои таҳқиқро** зимни пажуҳиш дар самтҳои дигар, аз ҷумла, таърих, фалсафа, эстетика, забоншиносӣ ва ғайра **татбиқ намудан мумкин аст.**

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуктаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ аз он иборат аст, ки ӯ дар диссертатсия равишҳои таҳқиқии муосир, аз қабили муқоисавию таърихӣ, тавсифию таҳлилӣ, таҳқиқию қиёсӣ, таҳлилию оморӣ, консепсияи таҳлили забон ва услуби асари бадеӣ, таҳқиқи типологии жанрҳо ва сохтори асарҳои адабӣ истифода карда, бори аввал ба таври васеъ масъалаи омӯзиши зиндагинома ва мероси адабии Ҳумоми Табрезӣ, мавқеи шоир дар ғазалсароӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалиёти ӯро мавриди пажуҳиш қарор додааст. Дар баробари ин, муаллифи диссертатсия дар натиҷаи муқоиса ва радду бадали мавод ва маълумоти

сарчашмаҳо, тавонистааст дар муаррифӣ намудани Ҳумоми Табрезӣ ва осори барҷоймондаи ӯ нақши шоирро дар рушду инкишофи ғазали асри XIII муайян намояд.

**Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ.** Доир ба муҳтавои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқ муаллиф дар конфронсҳои минтақавӣ, ҷумҳуриявӣ, донишгоҳӣ ва маҳфилҳои илмию амалӣ (солҳои 2017-2024) маърузаҳо пешниҳод кардааст. Бахшҳои асосии диссертатсия дар ҷаласаҳои кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон баррасӣ шудаанд.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.
Иштирок дошт: 15 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 15 нафар, «зид» нест, «бетараф» - нест, қарори № 16 аз 14. 06. 2024.

Номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
и.в. мудири кафедраи таърихи адабиёти
тоҷики факултети филологияи ДМТ — Наботӣ Р.

Котиби илмӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент — Нозимова Г.С.

Имзоҳои Р. Наботӣ ва Г.С. Нозимоваро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Тавқиев Э.Ш.

14 июни соли 2024